# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Самадов Миршод Самадович дар мавзуи "Асосҳои педагогии ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод шудааст

Мубрам ва муҳим будани таҳқиқоти диссертатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Самадов Миршод Самадович дар он аст, ки мавзуи хеле муҳим - Асосҳои педагогии ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро, ки то ба имрӯз аз ҷониби олимону педагогҳои ҷумҳурӣ ба таври мукаммалу алоҳида таҳқиқи илмӣ-амалии он анҷом дода нашудааст, барои омӯзишу таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб ва коркард кардааст.

Дар диссертатсия адабиёти педагогӣ ва психологӣ оид ба муайян намудани моҳият ва мазмуни истилоҳи омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни «Тарбияи ҷисмонӣ», ташаккулдиҳандаҳои асосӣ, меъёрҳо ва зинаҳои омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ", амсила ва барномаи ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ"-и коркардкардаи муаллифи таҳқиқот мавриди баррасӣ қарор ёфта, ҷараёни баргузории озмоишҳои педагогии асоснок намудани самаранокии амсилаи мураттабшуда ва барнома (технология) - и коркардшуда бобати ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" натиҷагирӣ ва шарҳу тавсиф шудаанд.

Муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ хеле дуруст ва воқеъбинона таъкид кардааст, ки "... баланд бардоштани сатҳу сифати омода намудани омӯзгорони муосири тарбияи ҷисмонӣ дар системаи таҳсилоти олии педагогӣ ва дар замони муосир ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ будани онҳо бозёфти нави илмию методиро ба ташкили раванди чунин омоданамоӣ тақозо мекунад. Ва ин нукта, дар навбати худ, таҳия намудани технологияҳои нави инфиродӣ, сохтани амсилаи ташаккули омодагӣ ба фаъолияти касбии оянда, ниҳоят, фароҳам овардани шароитҳои беҳбуди раванди мазкурро таъминкунанда, асоснокнамоии назариявии онҳо ва санҷиши дараҷаи самарабахши онҳоро талаб мекунад." Ва "... Масъалаи ташаккули омодагии омӯзгорони оянда ба фаъолияти касбӣ, аз ҷумлаи масъалаи умдаи назария ва амалияи педагогӣ маҳсуб меёбад."

Арзишмандии кори диссертатсионии Самадов Миршодро ба таври

зайл арзёбӣ намудан мумкин аст:

- дастгоҳи илмии таткиқот мувофиқи талабот ба иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаи педагогика таҳия ва роҳандозӣ карда шудааст;
- дар заминаи омӯхта шуданӣ дараҷаи коркарди мавзуъ аз тарафи олимони тоҷику хориҷӣ асосҳои педагогии ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касби мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст ва дар ин замина пешниҳоду хулоса ва тавсияҳои методӣ манзур шудааст;
- мазмун ва муҳтавои кори диссертатсионӣ ба нақшаи таҳиякардашуда мувофиқат менамояд;
- муаллиф кӯшиш намудааст масъаларо вобаста ба талаботҳои ҷомеаи муосир ва имкониятҳои муассисаҳои тааълимӣ тарҳрезӣ ва татбиқ кунад. Барои иҷрои ин амал кӯшиш намудааст аз сарчашмаҳои мавҷудаи илмии зиёд оид мавзуи таҳқиқоташ баҳрабардорӣ намуда, маводи назариявиро бо таҷрибаи амалӣ алоқаманд намояд;
- ташкилу баргузории кори озмоишӣ ба муаллиф имконият додааст, ки асосҳои педагогии ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро муайян намуда, роҷеъ ба ин масъала андешаю тавсияҳои арзишманди худро иброз ва ироа намояд;
- хулосаҳо ба бобҳои аввал ва дуюм, хулосаи умумӣ ба мақсаду вазифаҳои таткиқот, мазмуни матн ва натиҷагирӣ аз қисмати назариявӣ ва амалии кор мувофиқат менамояд;
- ҳангоми иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф аз сарчашмаҳои илмӣ-назариявӣ, осори адибон, анъанаву арзишҳои миллӣ, таткиқотҳои олимон ва ғайра хеле моҳирона ва хуб истифода кардааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаи амалии таҳқиқот ва тавсияҳои методие, ки таҳия ва ироа шуданд, имконият медиҳанд, ки ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ босамар таъмин ва татбиқ карда шаванд.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои дар нашрияҳои илмии тақризшаванда батабъърасондаи довталаб мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

Хулоса, диссертатсияи Самадов Миршод Самадович дар мавзуи “Асосҳои педагогии ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ” ба талабот КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тартиби додани дарачаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои

дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи илмҳои
ҷамъиятӣ ва гуманитарии
филиали Донишгоҳи давлатии Москва
ба номи М.В. Ломоносов Давлатов Д.Р.

27.12.2023

**Маълумот барои тамос:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, гузаргоҳи Бохтар 35/1; л , +992 918667329; Почтаи электронӣ: E-mail: d.r.davlatov@mail.ru.

«Имзои Давлатов Дилшод Разоқовичро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи сиёсати
кадрӣ ва корҳои махсуси
филиали Донишгоҳи давлатии
Москва дар ш. Душанбе Пирназаров С.М.